## ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Негматов С.Э. ба диссертатсияи **Раҳмонзода Наргис Раҳмон** дар мавзуи «Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика 5.3.5. 3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот**

Мусаллам аст, ки ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон яке аз масъалаҳои асосии илми методика, аз ҷумла, раванди таълими забони модарӣ маҳсуб меёбад. Он, хоса, вакти бо калимаи нав шинос шудан, ба маънои он сарфаҳм рафтан, дар ҷараёни нутк бо тамоми ҷузъҳою маъниҳои аслӣ ва маҷозӣ равшан шудан ва корбастро имкон мебахшад. Ба ин маънӣ, проблемаи мавриди таҳқиқ қарордодаи муаллифи рисола аз масъалаҳои меҳварии методикаи муосири таълими забони модарӣ маҳсуб ёфта, бобати ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ на танҳо ҳадафи ниҳоии омӯзиши забон, балки боиси пешниҳоди далелҳои илмии интихоби мазмун, усул, машқ ва тарзи кор бо воҳидҳои забон, аз ҷумла, калимаи нав мебошад.

Хусусияти барҷастаи рисолаи мазкур аз он бармеояд, ки моҳияти илмии масъала - донистани маънои луғавии калима ҳанӯз маъно надорад, ки хонанда онро дар нутқ истифода бурда метавонад. Байни «фаҳмидани калима» ва «қобилияти истифодаи калима» дар раванди нутқ дар робита ба ташаккули салоҳиятҳои иртиботии хонандаи мактаб тавони татбиқи як силсила марҳилаҳои мураккаби маърифатӣ ва коммуникативиро ба миён мегузорад.

Аз ин лиҳоз, дар рисола унвонҷӯй Раҳмонзода Н.Р. равиши таълим ва омӯзиши калимаи навро аз «маъно» ба «истеъмол» дар ҷараёни нутқ, хоса, дар раванди ташаккули салоҳиятҳои иртиботӣ мегузарад ва вазифаи омӯзгору хонандаро дар ин росто ҳамчун консепсияи илмӣ ва ҳали мантиқии гузориши масъала пешниҳод мекунад. Ғояи равиши

азхудкунии калимаи нав дар масири “*шиносоӣ → дарки маъно → фарқ кардани тобишҳои маъноӣ → дарёфти робитаи калима бо калимаҳои дигар → истифода дар ибора → истифода дар ҷумла → истифода дар матн → истифода дар вазъияти воқеии иртиботӣ*” аз бозёфтҳои хеле назаррас ва воқеан тозаю нави диссертатсия маҳсуб меёбад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот боз дар он тазаккур меёбад, ки дар шароити кунунӣ пешрафт ва рушди устувори соҳаи маорифи ҷумҳурӣ тарбияи насли соҳибилму соҳибмаърифат, тавонманду босалоҳиятро ба мадди назари сиёсати хирадмандона ва ҳадафноки давлати Тоҷикистон ва Ҳукумати кишвар гузошта, бобати баланд бардоштани низоми сифати таҳсилот, такмили салоҳиятҳои касбии омӯзгорон ва фаъолгардонии имкониятҳои эҷодию маърифатии муҳассилин роҳи васеъ мекушояд.

Мусаллам аст, ки таҳаввул ва таҷдиди масъалаҳои калидии соҳаи маориф рушди мақсаднок, пурмазмун ва методологии низоми таълимро тақозо мекунад. Имрӯзҳо раванди таълиму омӯзиш дар заминаи бозёфтҳои нави педагогӣ ва мутобиқ ба ниёзҳои ҷомеаи иттилоотӣ дар заминаи истифода аз равишҳои нави инноватсионӣ ва технологӣ сурат мегирад, ки ҳадафи ниҳоии он тарбияи шахсияти бомаърифат, кордон, дорои фарҳанги нутқи фасеҳ ва салоҳиятҳои иртиботӣ-иттилоотӣ мебошад. Дар ин заминаи қавӣ ва устувор таҳқиқи пайгиронаву ҳамаҷонибаи ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон дар раванди омӯзиши воҳидҳои луғавии забони тоҷикӣ дар мактаб аҳаммияти муҳимми амалӣ пайдо мекунад, зеро калима пойдевори асосии фаъолияти муошират ва муносибат буда, воситаи боэътимоди расидан ба умқи гуфтор, ҳусни баён ва фарҳанги нутқ мебошад.

**Дар муқаддима**, ки тибқи талаботи низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он баррасӣ шудааст. Ҳамчунин робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба

дифоъ пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот ва сохти рисола зикр гардидааст.

Боби аввал **“Ҷанбаҳои назарии ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими воҳидҳои луғавӣ”**, ки аз 46 саҳифа ва чаҳор фасли асосӣ иборат мебошад, ба таҳлили амиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккули салоҳияти иртиботӣ бахшида шудааст. Дар ин фасл муаллиф ба таҳлили таърихӣ ва назариявии сарчашмаҳои илмӣ-методии ватаниву хориҷиро нишон додааст, ки масъалаи омӯзиши калима ва таъбирҳо дар раванди таълими забони тоҷикӣ ҳамеша дар маркази диққати олимон қарор дошт.

Муаллиф баён месозад, ки маҳз тавассути таҳлили амиқи асарҳои методии муҳаққиқони муосир метавон хулоса баровард, ки аксари корҳои пешина бештар ба ҷанбаи семантикӣ ва грамматикии калимаҳо таваҷҷуҳ мекарданд, ҳоло он ки талаботи имрӯза гузаришро ба ҷанбаи муоширатӣ ва истифодаи фаъоли онҳо дар нутқ талаб менамояд. Дар фасли дуюм заминаҳои психологӣ, педагогӣ ва лингводидактикии ташаккули салоҳияти иртиботиро асоснок карда, ишора менамояд, ки фаъолияти нутқии хонанда ба тафаккур ва сатҳи фаҳмиши маънои калима зич алоқаманд аст.

Дар ин ҷо таъкид мегардад, ки салоҳияти иртиботӣ танҳо аз донистани қоидаҳо иборат набуда, балки қобилияти зуд ва дуруст интихоб кардани вожаҳоро дар вазъиятҳои гуногуни муоширатӣ пешбинӣ мекунад. Муаллиф принсипҳои асосии дидактикиро аз қабили принсипи пайдарпай, алоқаи назария бо амалия, шуурнокӣ ва фаъолиятро муайян намуда, онҳоро ба раванди омузиши воҳидҳои луғавӣ мутобиқ намудааст.

Дар фасли мазкур марҳалаҳои пайдарпайи ошкорсозӣ, дарккунӣ, мустаҳкамкунӣ ва истифодаи мустақилонаи калимаҳо дар нутқ ба таври муфассал тарҳрезӣ шудаанд. Муаллиф ҳадафҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва

рушддиҳандаи татбиқи салоҳияти иртиботиро аниқ сохта, исбот мекунад, ки омузиши луғат бояд ба қобилияти тафаккури эҷодӣ, фарҳанги муоширaт ва шавқи хонандагон ба забон хизмат намояд.

Боби дуюми рисола “**Методикаи таълими калима ва таъбирҳо дар асоси стандарт, барнома ва китобҳои дарсӣ**”, ки 61 саҳифаро фаро мегирад, ба таҳлили танқидӣ ва лингводидактикии ҳуҷҷатҳои меъёрии таҳсилот ва муайян кардани роҳҳои амалии ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни омузиши воҳидҳои луғавӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар ин фасл бо алоқамандии мантиқӣ ҳуҷҷатҳои асосии соҳаи маориф, аз ҷумла Стандарти таълимӣ ва барномаҳои амалкунандаи забони тоҷикиро мавриди таҳлил қарор дода, нишон медиҳад, ки гарчанде дар онҳо ба омузиши луғат таваҷҷуҳ зоҳир шуда бошад ҳам, раванди муайяни татбиқи салоҳияти иртиботӣ дар фаъолияти ҳаррӯзаи дарсӣ на ҳамеша пурра ва ҳамаҷониба инъикос меёбанд.

Дар ин ҷо таъкид мегардад, ки барои ташаккули пурраи маҳорати сухангӯии хонандагон зарур аст, ки талаботи Стандарт ба самти коркарди малакаҳои амалии муоширатӣ бештар нигаронида шуда, такрори сохтории мавод дар синфҳои V–XI ба шакли зина ба зина ва мукаммалона амалӣ карда шавад.

Муаллиф ба шарҳи маъноҳои ҷудогонаи калимаҳо таваҷҷуҳ кардани омӯзгорон, хонандагон аксар вақт дар пайваст кардани онҳо дар нутқи шифоҳӣ ва истифодаи мувофиқи онҳо дар вазъиятҳои воқеии муошират ба мушкилиҳои ҷиддӣ дучор мегарданд. Роҳҳо ва усулҳои нави дидактикиро пешниҳод менамояд, ки онҳо ба фаъол гардонидани захираи луғавии хонандагон хизмат мекунанд.

Дар раванди таҳқиқот на танҳо тавассути салоҳияти иртиботӣ ва машқҳо омӯзонидани калимаҳо хонанда метавонад сохтори семантикӣ ва имкониятҳои услубии вожаҳоро амиқ дарк намуда, онҳоро дар нутқи шифоҳӣ ва хаттии худ озодона истифода барад.

Фасли мазкур ба ҷанбаи муҳимтарини омӯзиши луғат — услубшиносӣ ва шохаҳои услубии забон бахшида шудааст.

Муаллиф нишон медиҳад, ки шинос кардани хонандагон бо муродифҳо, тазодҳо, вожаҳои касбию соҳавӣ ва таъбирҳо ба онҳо имкон медиҳад, ки нутқи худро бурро дар муошироти ҳаррӯза ва аз калимаҳоро дуруст дар нутқ истифода намоянд.

Боби сеюми рисола "**Корҳои озмоишию таҷрибавӣ оид ба ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон дар раванди таълими калима ва таъбирҳо**", ки аз 33 саҳифа иборат аст, қисмати муҳимтарин ва ниҳоии таҳқиқот ба шумор рафта, натиҷаҳои амалӣ ва самаранокии усули пешниҳодкардаи муаллифро тавассути озмоишҳои педагогӣ ба исбот мерасонад.

Иҷрои пайгиронаи машқҳои эҷодӣ, аз қабили иншои кӯтоҳ дар асоси таъбирҳо, барқарор кардани матнҳои нопурра ва муколамасозӣ дар вазъиятҳои додашуда, имкон дод, ки хонандагон аз фаъолияти ғайрифаъол ба фаъолияти эҷодии нутқ гузаранд.

Фасли мазкур асосноккунии омории пурраи таҳқиқотро таъмин менамояд. Муаллиф бо истифода аз ҷадвалҳо ва нишондиҳандаҳои фоизӣ натиҷаҳои гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратиро пас аз татбиқи методикаи нав муқоиса кардааст.

Дар натиҷа аён гардид, ки дар гурӯҳҳое, ки аз рӯйи методикаи пешниҳодкардаи муаллиф таҳсил намуданд, сатҳи баланди салоҳияти иртиботӣ ва захираи луғавӣ нисбат ба гурӯҳҳои назоратӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст, ки ин дурустии фарзияи илмии таҳқиқотро пурра тасдиқ мекунад.

Бар мабнои усули муқоиса хусусиятҳои сохторӣ, маъноӣ ва услубии маводи амалии рисола таҳлилу баррасӣ гардиданд. Ҳар як боби рисола бо натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ҷамъбаст гардидааст, ки қобили қабул аст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, 11 зербоб, хулоса, тасвияҳо оид ба истифодаи амалисозии диссертатсия, рӯйхати адабиёт, интишороти аз рӯйи мавзуи диссертатсия, дар маҷмуъ, 188 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

Рӯйхати адабиёт дар 6 банд (монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, диссертатсияҳо ва автофератҳо, мақолаҳо ва маърузаҳо) дар маҷмуъ 235 мақолаю осори илмии тоҷикӣ, русиро дар бар гирифтааст, ки онҳо дар рисола самаранок истифода шудаанд. Осори илмии истифодагардида аз он шаҳодат медиҳад, ки аппарати илмии рисола қавист.

Муҳаққиқ дар такя ба вазифаҳои дар наздаш гузошта комёб гардидааст. Таҳлилҳои асоснок далели он аст, ки унвонҷӯй ба умқи мавзуъ чуқур фурӯ рафта, рисолаи илмии арзандаро ба муҳокима ва дифоъ пешниҳод намудааст.

Доир ба мавзуъ 20 мақола ба табъ расидааст, ки аз онҳо 6-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфта, мазмуну муҳтавои асосии рисоларо комилан ифода мекунанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос карда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Фишурдаи диссертатсия мазмуни мухтасари онро дар бар мегирад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**и таҳқиқот ҷамъи ақидаю натиҷаҳои диссертантро оид ба ҷамъбасти диссертатсия ишғол намуда, бо чор банд асоснок карда шудааст.

**Натиҷаҳои илмӣ ва навгонии диссертатсия**

1. Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ муқаррароти назариявии ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон дар раванди омӯзиши калима ва таъбирҳо муайян карда шуданд.

2. Амсилаи методӣ, ки раванди азхудкунии маъноҳои калима ва таъбирҳоро бо вазъияти воқеии муошират пайваст мекунанд, таҳия ва пешниҳод шудааст.

3. Самаранокии омӯзиши калима ва таъбирҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути ташаккули салоҳияти иртиботӣ дар таҷриба санҷидаю собит шудааст.

4. Маълумоти илмӣ дар бораи малакаҳои нутқ, тафаккур ва салоҳияти иртиботии хонандагон ба даст омад, ки ба густариши заминаи педагогӣ ва равонӣ бобати таҳияи низоми аз ҷиҳати методӣ самарабахши такмилм нутқи хонандагон мусоидат мекунад.

5. Технологияи таълим ва омӯзиши ҷузъҳои семантикии калима ва таъбирҳо дар асоси муносибати босалоҳият ва ташаккули салоҳиятҳои иртиботии хонандагон коркард ва корбаст шудааст.

Дар рафти пажуҳиш муаллиф мутмаин чунин мешуморад, ки ташаккули салоҳиятҳои иртиботии хонандагон зимни таълими забони тоҷикӣ дар шароити муосири пешрафти илму технологияи муосир вазифаҳои нав ба навро бобати баланд бардоштани сифати таҳсилот тақозо мекунад.

Маълум гардид, ки консепсияи методологии ташаккули салоҳияти иртиботӣ ва асоснокии илмӣ-методии он дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим аз масъалаҳои муҳимми омӯзиши калима ва таъбирҳои забони модарӣ мебошад. Чунин гузориш ва ҳали масъала равиши босамар ва мусоидро бобати забономӯзии хонандагон таъмин мегардонад. Модели маҷмуии таълими калима ҳамчун воҳиди муҳимми забон тавассути пешниҳоди амсилаи сезинагии таълим (**дарк – таҳлил – корбаст**) пайвастагии назарияро бо амалия ва имкони бемайлони истифодаи вожаҳоро дар раванди муошират фароҳам меорад.

Таҳқиқот нишон дод, ки муайян кардани нақши технологияҳои иттилоотӣ ва мултимедиявӣ, захираҳои рақамӣ, аз ҷумла, луғатҳои электронӣ, платформаҳои таълимӣ дар раванди азхудкунии калима ва таъбирҳои душворфаҳм муҳим дониста шуд. Маълум гардид, ки таҳияи маҷмуи машқҳои эҷодӣ, тахия, тасниф ва тавсифи расмҳо, муколама, эссе

ва амсоли он барои фаъолгардии воҳидҳои луғавӣ дар раванди гуфтор ва ташаккули салоҳиятҳои иртиботии хонандагон роҳи васеъ мекушояд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот**

Дар рисола роҳу усули омӯзиши воҳидҳои луғавӣ бо мақсади ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ санҷида ва мавриди озмоиш қарор ёфта, афзалияти таълими воҳидҳои луғавӣ дар заминаи матн собит гардида, намунаи шарҳу тавзеҳоти он корбаст шудааст. Қобили зикр аст, ки муқаррароти бунёдии рисоларо дар машғулиятҳои лексионӣ (дар мактабҳои олии самти суханшиносӣ), дарсҳои амалӣ ва семинарӣ, дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон метавон истифода кард. Маводди амалии таҳқиқотро ҳамчун воситаи дидактикии таълим ҳини омӯзиши фасли калима ва таъбирҳо, такмили барнома, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ истифода кардан ба мақсад мувофиқ дониста мешавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои рисоларо назария ва амалияи гузориш ва ҳали масъалаи мавриди таҳқиқ тавассути таҳлили осори илмии донишмандон ва муҳаққиқони соҳаи методикаи таълими забони модарӣ, педагогика, равоншиносӣ, забоншиносӣ (лексикология), асоснокии нуктаҳое, ки дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод шудаанд, муқоисаи натиҷаҳо дар гурӯҳҳои таҷрибавию озмоишӣ, таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати омӯзгор дар МТМУ ва ҳайати педагогии дар корҳои таҷрибавию озмоишӣ иштирокдошта таъмин кардаанд.

**Саҳми шахсии довталаб** дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои мавриди назар, пажуҳиши асосҳои бунёдӣ ва методологӣ, истифодаи силсилаи усул ва равишҳои методӣ вобаста ба моҳияти мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, дар заминаи кори таҷрибавӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаҳои коркарди маводди таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок

дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ (сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ), интишори монография, мақолаву дастурҳои таълимӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия инъикос ёфтааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот.** Сохтор, мундариҷа, услуб, ороиш, ҳаҷми диссертатсия ба меъёрҳои муйяншудаи Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**Автореферати диссертатсия фарогири** мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ буда, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267), ва “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (фармоиши КОА назди Президенти ҶТ аз 27.12.2024, №493)” ҷавобгӯ мебошад.

Сарфи назар аз арзишҳои назарраси илмӣ ва амалии рисола баъзе камбудӣ ва норасоиҳои рисоларо мехоҳем зикр намоем:

1. Дар боби дуюми рисола зимни баррасии ҷанбаҳои услубии калима ва таъбирҳо дар робита ба истеъмоли фаровони онҳо дар нутқи шифоҳӣ мебоист саҳеҳтар таваққуф карда мешуд.

2. Дар боби сеюми диссертатситя таваҷҷуҳ бештар ба машқҳои хаттӣ ба назар мерасад, ҳол он ки барои ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагони мактаб ташкили бозиҳои гуногуни дидактикӣ, муколама, суҳбат ва мубоҳисаҳои озод ба аҳаммияти калони рушди малакаҳои нутқи мураттаб доро аст.

3. Дар шарҳи муфассали калима ва таъбирҳо муаллиф мебоист бештар ба хусусияти маҷозии воҳидҳои луғавӣ таваҷҷуҳ мекард, зеро тобишҳои гуногуни маънои калима, шарҳу дарки он ба рушди фарҳанги нутқ ва салоҳияти иртиботии хонандагон мусоидат менамояд.

4. Дар рисола ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва грамматикӣ ҷой дорад (саҳ. 26, 28, 38, 66, 81, 82, 104, 134 ва амсоли он).

Камбудиҳои зикршуда аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, ислоҳпазиранд, ба осонӣ бартараф мешаванд ва минбаъд аз ҷониби муаллиф ба назар бояд гирифта шаванд.

**Ҳамин тавр,** таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар мавзуи «Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 5.3. Педагогика, 5.3.5.3. - Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ дар сатҳи хуби илмӣ анҷом дода шуда, дорои навгонӣ, арзиши илмию амалӣ ва ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳмонзода Наргис Раҳмон сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. - Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич**
01.09.2026 сол.

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Пушкин, 44/141.
**Телефон:** (+ 992) 918 50 63 18 (моб.).
**E-mail:** snegmasi22@gmail.com

Имзои профессор С.Э. Негматовро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Э.Шодихонзода**